# ПРОТОКОЛИ №70-ИҲ

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 19 июни соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдиқгардида, 9 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

## ШУНИДА ШУД:

Аъзои комиссияи экспертӣ Каримова И.Х., Рӯзиева Л.Т. ва Туронов С.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони

асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

- Ҷонмирзоев Эраҷ Ҷонфидоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ – риёзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи диссертатсия 5 сентябри соли 2025, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Б.

*"Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадр ва коргузории АТТ — М. Саидова